**Оқибатҳои беназоратӣ ва сабабҳои оворагардии наврасон дар ҷомеаи муоссир**



*Табаров Х.М. - ассистенти кафедраи психологияи ДМТ*

Дар муҳити кӯдакон ва наврасон имрӯзҳо мо тамоюлҳои зиёди манфиро мушоҳида менамоем. Ин зуҳуроти манфи дар шумораи ҷиноятҳои давраи наврасӣ, дар зиёд гардидани шумораи качрафторӣ ва душвортарбиягӣ, дар теъдоди кӯдакони майзада ва нашъаманд маълуму равшанаст.

Яке аз масъалаҳои ҳалталабе, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро домангир аст ва роҳҳои ҳалли худро мехоҳад, ин беназоратию оворагардии кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад.

Барои дарк намудани он, ки наврасони беназорату оворагард дар ҷомеаи имрӯза чи гуна хатарҳои иҷтимоиро аз сар мегузаронанд, зарурати он пеш меояд, ки хусусиятҳои психологию иҷтимоии шахсияти чунин категорияи наврасонро дида бароем ва сабабҳои асосии ин зуҳуротро ошкор созем.

Аслан, ба синнусоли наврасӣ хонандагони синфҳои 5-8 дохил мешаванд. Аз ин лиҳоз, таснифоти синнусолии хонандагони 11-12 то 14-15 сола ба ин зинаи синнусолӣ рост меояд. Ин давраи синнусолӣ дар адабиётҳои психологӣ ҳамчун «давраи гузариш» ва давраи «пойдоргардии ҳаёти инсонӣ» тавсиф дода мешавад.

Як чизро мо бояд қайд намоем, ки организми наврасон аз ҷиҳати зоҳирӣ ба калонсолон хеле монанд аст. Бо вуҷуди ин, онҳо аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Муқаррар шудааст, ки дар наврасони дар «зинаи

гузариш» қарордошта, тағйиротҳои куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ бештар ба амал меояд.

Муҳаққиқони тоҷик Т. Мустафоқулов ва М. Нарзуллоева дар китоби Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ қайд намудаанд, «душвориҳои давраи наврасӣ пеш аз ҳама дар тағйирёбии имконоти маънави, иҷтимои ва шаклҳои нави муошрати байниҳамии онҳо бо ҳамсолон ва бо атрофиён зоҳир мегардад. Зиёда аз ин, дар ин синнусол шароити зист, фаъолияти таълимӣ ба куллӣ тағйир меёбад. Ин тағйиротҳо пеш аз ҳама дар ситемаи асаб, фаъолияти психикӣ, дар тарзҳои муошират бо атрофиён ва дар ҷараёни таълим бо муаллимон ба вуҷуд меоянд» [7. с.154]. Андешаи зикршуда қобили пазироиш аст, зеро наврасон бояд на ба ҳисси калонсолӣ, балки ба ҳисси арзишҳои ҳамаҷонибаи синнусолӣ эътибор диҳанд.

Илова бар ин, балоғати ҷинсӣ ва тағйиротҳои куллии биологие, ки дар организми наврасон ба вуҷуд меоянд, ба фаъолияти системаи асаби онҳо таъсир расонда, боиси инҷиқӣ, зудранҷӣ, тундмизоҷӣ ва дағалии онҳо мешавад. Масалан, дар зери таъсири ангезандаҳои гуногун вазъи рӯҳии наврасон яку якбора хира шуда, дар онҳо рӯҳияи ғамгинӣ, бетафовутӣ нисбат ба ҳодисаҳои гирду атроф, парешонфикрӣ, беташаббусӣ, асабонишавӣ, ҳаяҷоннокӣ, вайронкориҳои қоидаҳои ахлоқӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Аз ин ҷиҳат чунин хусусиятҳои психологии наврасонро дар рафти кори таълиму тарбия ба ҳисоб гирифтан хеле зарур аст.

Дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои биологию физиологӣ ва психологии наврасон, муаллимон, волидайн ва дигар шахсони калонсол вазифадоранд, ки ба наврасон оид ба тағйиротҳои биологию психологӣ маълумот диҳанд ва қайд кунанд, ки дигаргуниҳои дар организми онҳо баамаломада, қонуниятҳои физиологӣ ва табиӣ буда, аз ин хавотир нашаванд ва кӯшиш кунанд, ки рафтору кирдор ва муносибати худро бо одамони гирду атроф дуруст ба роҳ монанд.

Дар заминаи тағйиротҳои куллии биологие, ки дар организми наврасон ба вуҷуд меоянд, як қатор хусусиятҳои нави психологӣ шакл мегиранд. Ин тағйиротҳои баамаломада ба душвортарбия шудани наврасон сабаб мешавад.

Олимони соҳаи антропология синни наврасиро шарҳ дода чунин мегӯянд, ки маҳз дар ин зинаи синусолӣ талабот ба хоҳиши мавқеъ муайяннамоии худ дар ҷамъият ва мунтазам майли дохилшавӣ ба ҳаёти калонсолон ба вуҷуд меоянд.

Ин нуқтаи назарро олими америкоӣ К. Левин низ ҷонибдорӣ намудааст. Ӯ мавқеи наврасони ҷамъияти ҳозираро тарафдорӣ намуда, ба хулосае меояд, ки дар наврасон талабот ва хоҳиши ба кору фаъолияти калонсолон ширкат варзидан пайдо мешавад. Лекин калонсолон намехоҳанд, ки наврасон бо онҳо якҷоя бошанду аз сирру асрори муносибати онҳо бохабар шаванд. Аз ин ҷиҳат, дар байни наврасону калонсолон ихтилофу низоъҳо сар мезананд.

Равоншиноси намоёни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Л.С. Виготский зинаҳои синусолии наврасонро омӯхта, ба чунин хулосае омадааст, ки дар инкишофи шахсияти наврасон омили иҷтимоӣ, алоқаи наврасон бо олами иҳотакарда аҳамияти калон дорад. Ӯ қайд менамояд, ки тағйиротҳои муҳими биологӣ-ҷинсӣ ва психологие, ки ба давраи гузариш хос аст, бо муҳити атроф алоқаи зич дорад.

Ҳамин тавр, назарияи давраи гузариши бачагон ба зинаи калонсолӣ ба шароити мушаххаси ҳаёти иҷтимоӣ, инкишофи ҷисмонӣ, биологӣ ва мавқеи ишғолкардаи ҷамъиятии онҳо вобаста мебошад.

Дар бисёр маврид аз ҷониби волидон ва педагогҳо ба кӯдакон, ҳамчун шахсиятҳои душвортарбия баҳогузорӣ карда мешавад, ки он дар асл тавсифдиҳандаи мушаххаси характери онҳо шуда метавонад.

Вазъи имрӯзаи буҳронии иқтисодӣ, маданӣ ва иҷтимоии шароити зист тарбияи насли наврасро мушкил гардонида, бевосита ба зиёдшавии

шумора ва мушкилоти гуногуни хатарнок бурда мерасонад. Бо ин мушкилоти ҳаётӣ кӯдакон ва волидони онҳо низ рӯ ба рӯ мешаванд.

Он мушкилиҳое, ки кӯдакон бо он рӯ ба рӯ мешаванд метавонад, ки ба рафтори онҳо таъсир расонида ба беназоратию оворагардии наврасон замина гузорад.

Ҳамин тавр беназоратию оворагардии наврасон ҳамчун падидаи номатлуби иҷтимоӣ дар ҷомеаи башар густариш пайдо намудааст. Ин масъала солҳои зиёдест, ки диққати олимони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб менамояд. Олимони соҳа ҷанбаҳои гуногуни ин масъаларо, ба мисли сарварӣ дар байни наврасони оворагард, уҳдадории аъзоёни гурӯҳҳои оворагард ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Омӯзиши ҷанбаҳои психологии масъалаи оворагардии наврасон дар Тоҷикистон аҳамияти иҷтимоию – иқтисодӣ ва ахлоқӣ дорад. Ҷанбаҳои шахсии масъалаи оворагардӣ дар набудани шароитҳои мусоиди зиндагӣ ва тарбиявӣ, инчунин дар беназорат мондани рафторе ифода меёбад, ки ба вайроншавии мутобиқшавии иҷтимоии шахсияти наврасон бурда мерасонад.

Беназоратӣ ва оворагардӣ ин хусусияти муайяни иҷтимоии шахсони бабалоғатнарасидаеро дар бар мегиранд, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд ва аз рӯйи рафтору хусусиятҳои ба худ хос онҳоро тавсиф медиҳанд.

Равоншиноси аврупои А. Адлер доир ба масъалаи оворагардии наврасон чунин ақидарони намудааст: «Оворагардии наврасон – зуҳуроти иҷтимоию психологиест, ки ба ҷудо будани фарзандон аз падару модар, аздастдиҳии макони зисти доимӣ вобаста аст. Аломати фарққунандаи оворагардӣ ин пурра рад намудани муносибат бо оила, волидон, хешу таборон, зистан дар ҷойҳое, ки барои одам номумкин аст, бадастоварии восита барои роҳҳои ҳаётие, ки дар ҷомеа қабулнашавандаанд ва итоатнамоӣ ба «қонунҳои» радшудаи ҷомеа мебошад» [1. с.135].

Оворагардию беназоратии наврасон – ин мушкилоти мураккаби иҷтимоию – педагогӣ ва психологие ба шумор меравад, ки дар худ

зуҳуроти таҳлилнамоии иҷтимоию – педагогӣ ва психологиро дар бар гирифта, сабабҳо ва моҳияти таъсиррасонӣ ба каҷрафториро дошта, зарурати пешгирӣ ва бартарафнамоии оқибати онро фарогир аст, доро мебошад.

Мувофиқи ақидаи Арефев А.Л., «оворагардӣ ҳамчун як тарзи каҷрафтории наврасон ва натиҷаи дезадаптатсияи иҷтимоию психологии шахсият мебошад. Яъне ин як намуди рафторест, ки барои ба ҷомеа ворид шудан, ба азхудкунии меъёрҳои ҷамъиятӣ, қоидаҳои рафтор, тартибу низом ва ғ. монеа мешавад» [3. с.61].

Дар наврасони оворагард раванди иҷтимоишавӣ вайрон гардида, шаклдигаркунии шахсият ва қафомонӣ дар рафторашон мушоҳида мешавад. Беназорат ё оворагард он наврасоне ба шумор мераванд, ки манзили зист ва ҷойи истиқомати доимӣ надоранд.

Оворагардӣ бо сабаби шароитҳои вазнини иҷтимоӣ, чун афзоиши шумораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятқорӣ дар байни наврасон, майнушӣ ва нашъамандӣ ба амал меояд. Инчунин оворагардии наврасон пеш аз ҳама ба шароитҳои тарбияи оилавӣ ва мактабӣ вобаста аст.

Мутахассисони соҳа оворагардро чунин тавсиф медиҳанд: «ин кӯдаки оддию солим нест ва дар оилаҳои фазои оромидошта ба воя нарасидааст» [6, с.23]. Шахсияти ин гуна кӯдакон, ки дар шароити беманзилӣ ташаккул ёфтааст, бинобар ин онҳо тамоми мавҷудияти худро аз хурдӣ ба корҳои даҳшатноки берунаи кӯчагӣ равона месозанд.

Бояд қайд кард, ки масъалаи кӯдакони оворагард ҷанбаҳои иҷтимоӣ, тиббӣ ва педагогию психологиро дорад. Таҳлили масъалаи оворагардӣ нишон медиҳад, ки шароитҳои ҳаёти онҳо ба рушди психикӣ, ақлонӣ, иҷтимоӣ ва физиологии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Ба наврасони оворагард зуҳуроти дараҷаи пасти меъёри иҷтимоӣ хос аст. Онҳо аз рӯйи он меъёрҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа қабул гардидаанд, зиндагонӣ намекунанд, балки тибқи қонуни сохтаи худ умр ба сар мебаранд. Ба онҳо ҳисси дӯстие, ки одатан ба тамоми наврасон хос аст, қобили қабул нест. Дар он ҷо қувваи ҷисмонӣ ва ҳокимият

рондан ба дигарон роҳи ҳалли ҳама гуна мушкилот аст ва онҳо қобилияти одаткунӣ ба ҳамаи шароитҳо ва хабар накашиданро муҳиму арзишнок мешуморанд.

Мушоҳидаҳои психологӣ нишон додаанд, ки як қатор муносибати номувофиқи волидон ва омӯзгорон низ дар бисёр ҳолатҳо ба зуҳуроти рафторҳои зидди иҷтимоии кӯдакону наврасон, аз ҷумла ба оворагардӣ мусоидат менамоянд.

Зуҳуроти майли кӯдакон ба оворагардӣ метавонад аз шароитҳои дар оилабуда низ вобаста бошад. Ин шароитҳо дар оилаҳои номусоид мушоҳида мешавад. Ин аст, ки чунин кӯдакон бо ихтиёри худ аз хона ва муассисаҳои кӯдакона рӯ ба фирор мениҳанд.

Саволе ба миён меояд, ки сабабҳои асосии оворагардии наврасон дар чӣ зоҳир мешавад?

Мувофиқи тадқиқотҳои гузаронидашуда чунин шаклҳои муносибати волидон ва номувофиқи тарзи зиндаги муайян шудааст, ки онҳо кӯдаконро ба содир намудани рафторҳои зиддиитимоӣ сафарбар менамоянд:

– мавҷудияти аъзоёни бекор дар оила;
– сатҳи пасти осудаҳолӣ;
– зуҳуроти муносибати номуносиб ва дурушт байни аъзоёни оила;
– никоҳи номувофиқ ё волидони аз ҳам ҷудо;
– алоқаи иҷтимоии аъзоёни оила бо нафароне, ки шаклҳои рафтори зиддииҷтимоӣ доранд;
– шумораи зиёди аъзоёни оила, ки ба содир намудани рафторҳои зидди иҷтимоӣ майл доранд.

Мувофиқи ин омӯзишҳо, як қатор сабабу рафторҳое мавҷуданд, ки боиси фирор намудан ва оворагард гаштани наврасон дар оила мегардад. Аз ҷумла:

– фирор ҳамчун аксуламали эътироз ба вайроншавии муносибат бо муаллимон, волидон ва мушкилоти таълимӣ;

– фирор ҳамчун зуҳуроти тақлидкорӣ ба гурӯҳои гуногун;

– фирор аз тарси ҷазодиҳӣ;

– фирор барои қонеъгардонии талаботҳои ботинии худ;

– муносибати номуносиб ва дурушти аъзоёни оила бо фарзандон;

– истифодаи фишор ва зӯроварӣ дар рафти тарбияи фарзандон.

Бояд зикр кард, ки дар баробари сабабу омилҳои иҷтимоӣ инчунин сабабҳои психологии оворагардӣ мавҷуданд. Онҳо чунинанд:

– бухрони оилавӣ;

– шумораи зиёди талоқ;

– аздастдиҳии яке аз волидон;

– бадшавии муҳит дар оила;

– дағалона рафтор намудан бо кӯдакон;

– зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, равонӣ ва ғ.

Айни замон масъалаи наврасони бепарастор ва оворагард, шумораи зиёди ҷиноятҳои кӯдакона диққати ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст. Вайроншавии системаи тарбиявии ҷомеа, душворгардии шароитҳои ҳаётӣ, вайроншавии арзишҳои ахлоқӣ, суст будани функсияҳои тарбиявӣ ва маънавӣ ба ташакулёбии каҷрафторӣ бурда мерасонад. Мувофиқан яке аз вазифаҳои аввалин - ин ошкорнамоии омилҳои номутобиқшавии иҷтимоии кӯдакону наврасон, инчунин расонидани кумаки иҷтимоию – психологӣ ба кӯдаконе мебошад, ки дар вазъияти душвори ҳаётӣ қарор доранд. Сабабҳои психологии рушди рафтори оворагард, аксаран бо вайроншавии шароитҳои берунии иҷтимоишавӣ, баъзан бо носозиҳои психикии кӯдак робитаи зич доранд.

Мавҷудияти ин ё он омил ҳоло маънои пайдоиши ҳатмии оворагардиро надорад, аммо он ба эҳтимолияти баланди зоҳиршавии он имконият медиҳад. Вазъияти яку якбора зиёдшавии стресс дар кӯдакон,

аз набудани ғамхорӣ дар оила, норасоии психикӣ, зуроварии ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ сабаби ба фирор рӯй овардани онҳо мегардад.

Ҳамин тавр қисми зиёди кӯдакони оворагард онҳоеанд, ки дар оилаҳои камбизоат қашшоқона зиндагонӣ мекунанд. Илова бар ин, муносибати бади волидон, муошрати дағалона нисбати онҳо водор месозад, ки ин гуна кӯдакон аз оила фирор намоянд. Носозгории оила – омили асоси оворагардӣ ба шумор рафта, аммо сабаби ягонаи оворагардии кӯдакон шуда наметавонад. Яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳими кӯдакони бепарастор ва оворагард, ин низоъҳои тезутунди қабилавию миллӣ ва дар алоқамандӣ бо он пайдоиши мушкилоти муҳоҷирати иҷбори мебошад.

Илова бар ин, муносибати бади волидон, муоширати дағалона низ онҳоро маҷбур месозад, ки аз оила фирор намоянд. Носозгории оила ҳамчун сабаби ягонаи оворагардии кӯдакон нест, лекин барои афзоиши оворагардии наврасон сабаб шуда метавонад.

Низоъҳои тезутунди қабилавию миллӣ ва дар алоқамандӣ бо он пайдоиши мушкилоти муҳоҷирони иҷборӣ низ яке аз масъалаҳои ниҳоят заруру ҳалталаби кӯдакони бепарастор ва оворагард маҳсуб меёбад.

Омили дигари хатарноки иловагӣ бо вазъияти мактаб алоқаманд аст, ки он аз тақдири вазнини наврасон бармеояд. Набудани корҳои берун аз синфӣ дар мактаб, фаъол набудани созмонҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти фароғатии мактаб, тарбия ва рушди онҳо ва ғ. мусоидат ба он мекунад, ки наврасон аз доираи назари муаллимон дур мемонанд ва ин ниҳоят ба оварагард шудани онҳо имконият медиҳад.

Инчунин омӯзишҳои иҷтимоию психологӣ равшан намуданд, ки омилҳои оворагард шудани кӯдакон бо шароитҳои тарбияи мактабӣ низ алоқамандаст. Мактаб ҳамчун муҳити иҷтимоӣ метавонад рафторҳои гуногуни кӯдакро фарогир бошад. Омили ташаккулдиҳандаи рафторҳои иҷтимоӣ пеш аз ҳама системаи муносибатҳо ва қоидаҳои мактаб мебошад. Барои ҳамин зарур аст, ки дар мактаб шароитҳои мусоид

барои рушди шахсияти хонандагон, инчунин риоя намудани қоидаҳои талабагӣ ва сифати хуби таълим ба роҳ монда шавад. Дар байни сабабҳои даст кашидани наврасон аз таҳсил дар мактаб метавон инҳоро ҷудо намуд:

– набудани шавқу ҳавас ба таҳсил;

– истифодаи зӯроварии ҷисмонию равонӣ аз тарафи муаллимон;

– муносибати номувофиқи муаллимон бо шогирдон;

– мушкилоти саломатӣ;

– мусаллаҳ набудани баъзе муаллимони мактаб бо дониш, маҳорат ва малакаи кор бо чунин кӯдакон.

Омилҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои тиббӣ – психологии рушди шахсияти кӯдак аз оилаҳои носозгор дар раванди омӯзиш дар мактаб ба онҳо душвории муайянро меоварад. Чунин кӯдакон маводи таълимиро суст ба хотир мегиранд ва ба дарсшиканӣ рӯй меоваранд, бо омӯзгорон ва ҳамсинфон низоъ мекунанд. Вазъи муҳити мактаб низ дар баъзе ҳолатҳо омили иловагии хатар мешавад. Масалан, дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ки кӯдаки дорои мушкилот аз назари волидон ва муаллимон дур мемонад ва ниҳоят ӯ ба оворагардӣ рӯ меоварад.

Дар амалияи ҳаётӣ, мушкилоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, иҷтимоӣ – психологӣ ва сабабҳои психологии бепарасториву оворагардӣ бо якдигар зич алоқаманд буда, якдигарро пурра мекунанд.

Воқеан, кӯдакон ва наврасони оворагарде, ки алоқаро бо оила аз даст додаанд, бисёриҳо дар кӯча мондаанд, таҷрибаи манфии иҷтимоиро ба даст овардаанд, ба дасти гурӯҳҳои ҷиноятӣ афтодаанд ва онҳоро дар содирнамоии ҷиноятҳо низ истифода мебаранд, ба майпарастӣ, нашъамандӣ ва дигар амалҳои номатлуб маҷбур месозанд. Ҳамаи ин рушди психикӣ, ҷисмонӣ ва шахсии кӯдак ва наврасро халалдор месозад ва раванди иҷтимоишавиро вайрон менамояд.

Бисёре аз бачаҳои оворагард объекти зуроварӣ ва воситаи фурӯши маводи мухаддир гардида, аксаран қурбони ин амалҳои номатлуб мегарданд. Қисми зиёди шаҳрвандони ноболиғе, ки волидонашон онҳоро партофтаанд ва дар ҷомеа ба қисмати тақдир такя мекунанд, бесарпаноҳ мемонанд ва барои дарёфти хӯрока ба талбандагӣ машғул мешаванд. Аз ин рӯ қисми зиёди мутахассисоне, ки бо кӯдакон машғул ҳастанд, ба чунин хулоса омадаанд, ки «тамоми имкониятҳоро фароҳам овардан лозим аст, то ин ки кӯдак дар кӯча намонад чунки пешгирии он осонтар аст, нисбат ба баргардонидани ӯ ба ҳаёти пештара» [4, с.67].

Аз ин лиҳоз масъалаи оворагардиро бояд ҳамаҷониба дар сатҳҳои гуногун баррасӣ намуд, ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва психологии кӯдаконро таъмин кард.

Бояд қайд кард, ки дар раванди омӯзиш диққати махсусро хусусиятҳои фардии кӯдакони қафомонда ва беинтизом талаб мекунанд. Инчунин сабабҳои ин зуҳуротро бояд ошкор кард. Роҳи асосии пешгирии оворагардӣ фарзандхонӣ ва парасторӣ намудан мебошад ва ин масъаларо бояд дар ҷомеаи имрӯза баррасӣ намуд.

Ислоҳ намудани сифатҳои шаклан ва мазмунан дигаршудаи шахсияти навраси оворагард ва инчунин фаъол намудани рафти иҷтимоишавии он аз маҷмӯи таъсиррасониҳои мақсадноки тарбиявӣ чӣ дар оила ва чӣ дар мактаб вобаста аст. Роли муҳимро дар ҳалли ин масъала аҳли ҷамъият низ бозида метавонанд.

Нақши манфиро дар оворагардӣ суст ба роҳ монда шудани корҳои тарбиявӣ ва беназоратӣ нисбати кӯдакон аз тарафи ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ҷойи зист мебозад.

Бояд дар назар дошт, ки мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ – психологӣ ва сабабу омилҳои психологии бепарасториву оворагардӣ бо якдигар зич алоқаманд буда, аз якдигар вобастаанд.

Ин тамоюл шаҳодат медиҳад, ки барои ҳалли умумии масъалаи пешгирии наврасони бепарастор ва оворагард зарур аст, ки ҳуқуқҳои

онҳоро ҳимоя намуда, барқароршавӣ, офиятбахшӣ ва мутобиқати ицтимоиро фароҳам овард.

Бешубҳа, оворагардӣ ба ҷомеа метавонад зарари ҷиддӣ оварад. Пеш аз ҳама вай метавонад бо дигар намудҳои каҷрафторӣ, ба монанди майзадагӣ, нашъамандӣ ва ҷинояткорӣ алоқаманд бошад. Дуюм, ин афроди ҷомеа метавонанд паҳнкунадаи бемориҳои сироятӣ шаванд. Сеюм, ҷомеаро зарур аст, ки барои таъминоти муассисаҳои махсус ба ин тоифаи одамон кӯмаки иҷтимоӣ, психологӣ ва тиббиро ба роҳ монад.

Олими шинохтаи рус Д.И. Фелдштейн роҳҳои ҳаётии ҳуқуқвайронкуниҳои наврасони дар мактабҳои махсуси тарбиягирандагонро дида баромада, ба чунин хулоса омадааст, ки «дар асоси «вайроншавии ахлоқии шахсияти онҳо» маҳз камбудии тарбияи оилавӣ ва мактабӣ меистад» [8, с.47].

Пешгиринамоӣ оворагардии кӯдакону наврасон яке аз самтҳои асосӣ ва муҳими кори иҷтимоию психологӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии фаъолияти пешгиринамоиро дар кори иҷтимоӣ-психологӣ ошкорнамоии сабаб ва широитҳое ташкил медиҳад, ки тамоюлро ба рафторҳои солими иҷтимоӣ ба вуҷуд меоварад. Дар корҳои пешгиринамоӣ аҳамияти калонро он мебозад, ки дар вазъиятҳои мушаххас ба таври дуруст, уҳдабароёна, объективона ва бо саҳеҳияти илмӣ маводҳои илмиро ҷамъбаст намуда, тамоми сабабҳои ба радшавӣ муқараргардида ва шароитҳоро бо имкониятҳои вуҷуддоштаашон бодиққат омӯхт.

Ҳамин тавр, вобаста ба мубрам будани масъала метавон хулоса баровард, ки масъалаи беназоратию оворагардӣ дар замони имрӯза доғи ҷомеа аст. Кӯдаконро ҳам оилаҳои носозгор, ки миқдорашон рӯз ба рӯз зиёд мешаванд, ҳам мактаб, ки дар баъзе ҳолатҳо тарбияро сарфи назар кардааст ва ҳам муассисаҳои ғайримактабӣ, ки фаъолияти худро гум кардааст, ки ин метавонад дар кӯдакон майл ба оворагрдиро пайдо намояд. Дар чунин ҳолат пешгирии каҷрафторӣ ва қонунвайронкунии наврасон ҳамчун системаи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, педагогӣ, психологӣ ва дигар меъёрҳо дида баромада шуда, ба ошкорнамоию бартарафнамоии сабабҳо ва

шароитҳое, ки имконият ба каҷрафторӣ, оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва амалҳои зиддиичтимоии наврасон мегардад, туфайли пешгиринамоии инфиродӣ, бо наврасон ва оилаи онҳо, ки дар вазъияти мураккаби иҷтимоӣ қарор доранд, имконпазир аст.

Инчунин, ислоҳ намудани сифатҳои шаклан ва мазмунан дигаршудаи шахсияти навраси оворагард ва фаъол намудани рафти иҷтимоишавии он аз маҷмӯи таъсиррасониҳои мақсадноки тарбиявӣ чӣ дар оила ва чӣ дар мактаб вобастагии калон дорад. Дар ҳалли масъалаи беназоратию оворагардии наврасон аҳли ҷомеа нақши муҳимро бозида метавонанд.

**Адабиёт:**


1. Адлер А. Беспризорные дети. [Текст] А. Адлер - Ф.-на Майне. 1997.
2. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологии муоширати педагогӣ / [Текст] Н.Қ. Амонов - Душанбе 2003.
3. Арефьев А.Л. Беспризорные дети России / [Текст] А.Л. Арефьев - М., 2003. № 9. 2.
4. Гоголева А.В. Беспризорность. Социально-психологические и педагогические аспекты. [Текст] А.В. Гоголева - М.: 2004.
5. Ермолаева М.В. Психология развития. [Текст] М.В. Ермолаева - М.,2001.
6. Майорова А.Н. Дети улицы. Образование и социальная адаптация безнадзорных детей. [Текст] Доклад /Под ред. А.Н. Майорова. - М.: Интеллект-центр, 2001.
7. Мустафокулов Т., Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. [Текст] Т. Мустафокулов, М. Нарзуллоева - ш. Кулоб., 1993.
8. Фельдштейн Д.И.Трудный подросток/ [Текст] Д.И. Фельдштейн -2-е изд.-М., 2008.

## ОВОРАГАРДИИ НАВРАСОН, ХУСУСИЯТ ВА САБАБҲОИ ПСИХОЛОГИИ ЗОҲИРШАВИИ ОН

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои психологии наврасон ва сабабҳои психологии оворагард шудани онҳо ва роҳҳои пешгири намудани оворагардиро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Душвориҳои давраи наврасӣ пеш аз ҳама дар тағйирёбии имконоти маънавӣ, иҷтимоӣ ва шаклҳои нави муошироти байниҳамии онҳо бо ҳамсолон ва бо атрофиён зоҳир мегардад. Зиёда аз ин, дар ин синнусол шароити зист, фаъолияти таълимӣ ба куллӣ тағйир меёбад. Ин тағйиротҳо пеш аз ҳама дар системаи асаб, фаъолияти психикӣ, дар тарзҳои муошират бо атрофиён ва дар ҷараёни таълим бо муаллимон ба вуҷуд меоянд. Тағйиротҳои куллии биологие, ки дар организми наврасон ба вуҷуд меоянд дар заминаи онҳо як қатор хусусиятҳои нави психологӣ шакл мегиранд. Ин тағйиротҳои баамаломада ба душвортарбия шудани наврасон сабаб мешавад.

Беназоратӣ ва оворагардӣ хусусияти муайяни иҷтимоии шахсони бабалоғатнарасидаеро дар бар мегиранд, ки дар вазъияти душвори ҳаётӣ қарор доранд ва аз рӯйи хусусиятҳои ба худ хос онҳоро тавсиф медиҳанд. Оворагардӣ ҳамчун як тарзи каҷрафтории наврасон ва натиҷаи дезадаптатсияи иҷтимоию психологии шахсият мебошад. Яъне, ин як намуди рафторест, ки барои ба ҷомеа ворид шудан, ба азхудкунии меъёрҳои ҷамъиятӣ, қоидаҳои рафтор, тартибу низом ва ғ. монеа мешавад.

**Калидвожаҳо:** оворагардӣ, беназоратӣ, тағйиротҳои биологӣ, дезадаптатсияи иҷтимоию психологӣ, сабабҳои оворагардӣ, рафторҳои зиддиҷтимоӣ, каҷрафторӣ, вайроншавии ахлоқӣ.

## Беспризорности и бродяжничество подростков в современном обществе

В настоящей статье приводится информация о подростковом возрасте, психологических причинах и профилактических мерах

бродяжничества в современном обществе Таджикистана. Сложности подросткового возраста проявляются, прежде всего, в изменении моральных и социальных возможностей и ценностей, новых форм общения со сверстниками и с окружающими. Кроме того, в этом возрасте условия проживания и учебная деятельность также претерпевает изменения. Не остаются в стороне и изменения в нервной системе, в психической и физиологической деятельности. Возрастные психофизические изменения способствуют формированию новообразований, которые при неадекватном подходе детерминируют трудновоспитуемость подростка. Бродяжничество является одним из девиантных поведений, что возникает по причине социально-психологической дезадаптации личности.

**Ключевые слова**: бродяжничество, беспризорность, биологические изменения, социально-психологическая дезадаптация, причины бродяжничества, антисоциальное поведение, девиантное поведение, моральные нарушения.

**Homelessness and vagrancy of teenagers in modern society**

In the present article information on teenage age, the psychological reasons and preventive measures of vagrancy is provided in modern society of Tajikistan. Difficulties of teenage age are shown, first of all, in change moral and social opportunities and values, new forms of communication with peers and with people around. Besides at this age of a condition of accommodation and educational activity also undergoes to changes. Also changes in a nervous system, in mental and physiological activity do not stand aside. Age psychophysical changes promote formation of new growths which at inadequate approach determine the teenager's trudnovospituyemost. Vagrancy is one of deviant povedeniye that arises because of social and psychological disadaptation of the personality.

**Keywords:** vagrancy, homelessness, biological changes, social and psychological disadaptation, vagrancy reasons, antisocial behavior, deviant behavior, moral violations.

**Сведение об авторе:** Табаров Хушнуд Маҳмадович – ассистент кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон **(+992) 935285107.,985364309** *E-mail:* ***Khushnud-2010 @mail.ru***

**Information about author:** Tabarov Khushnud Mahmadovich, assistent psychology of the Tajik national University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Phone **(+992) 935285107 / 985364309** *E-mail:* ***Khushnud-2010 @mail.ru***